**Протоколи № 23**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-010**

аз «11» октябри соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 11 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, №27/шд тасдиқ шудааст, 11 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил бетараф? Нест.

Якдилона қабул гардид.

## <u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Олимова Шафоат Эргашбоевна дар мавзуи «Синтез ва модификатсияи кислотаҳои холан бо эфирҳои аминокислотаҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои химия Раҳмонов Р.О. ва аъзои комиссия доктори илмҳои химия, профессор Бандаев С.Г., номзади илмҳои химия Шаропов Ф.С. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Олимова Шафоат Эргашбоевна дар мавзуи «Синтез ва модификатсияи кислотаҳои холан бо эфирҳои аминокислотаҳо» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссерттасионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Олимова Шафоат Эргашбоевна дар мавзуи «Синтез ва модификатсияи кислотаҳои холан бо эфирҳои аминокислотаҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Олимова Шафоат Эргашбоевна дар мавзуи «Синтез ва модификатсияи кислотаҳои холан бо эфирҳои аминокислотаҳо», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– сарходими илмии лабораторияи “Синтези органикӣ” -и Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - доктори илмҳои химия Пулатов Элмурод Холикулович;

– декани факултети илмҳои дақиқи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе - номзади илмҳои химия, дотсент Акбарова Мунира Муҳиддиновна.

3. Ба сифати муассисаи пешбар – муассисаи давлатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 25.12.2025, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

– **Натиҷаи овоздиҳӣ**: тарафдор 11 – нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои химия Бекназарова Н.С.